**ҚАРОРИ**

шурои диссертатсионии 6D.КОА-030-и назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон оид ба сазовор донистани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ ба шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳасанзода Хуршед Раҷаб

05 июни соли 2026 №133 ш. Душанбе

Таҳқиқоти диссертатсионии Ҳасанзода Хуршед Раҷаб дар мавзуи «Хусусиятҳои психологию педагогии омӯзиши кӯдакони дорои нуқсонҳои нутқ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010500 Нуқсоншиносӣ (Дефектология) (6D010501 - Педагогикаи махсус) пешниҳод шудааст; баромади **муқарризони расмӣ:** Юнусова Нафисахон Муродовна - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи миллии Тоҷикисон ва Меҳридинзода Толиб Меҳриддин - номзади илмҳои педагогӣ, ҷонишини декан оид ба таълими факултети физика, математика ва информатикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдулоҳи Рӯдакӣ; **муассисаи пешбар** - МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” ва баромади аъзоёни шурои диссертатсионӣ: Раҳимзода Х, Негматов С.Э., Рамазонова Р.С.-ро шунида ва муҳокима намуда, дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи қабулнамудаи шуро оид ба диссертатсияи довталаби дараҷаи илмӣ дар бораи мубрамият, навгонӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин аз рӯйи натиҷаи мақолаҳои нашрнамудаи унвонҷӯ шурои диссертатсионии 6D.КОА-030

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Ҳасанзода Хуршед Раҷаб дар мавзуи «Хусусиятҳои психологию педагогии омӯзиши кӯдакони дорои нуқсонҳои нутқ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010500 Нуқсоншиносӣ (Дефектология) (6D010501-Педагогикаи махсус) пешниҳод шудааст, ҷавобгӯйи талаботи пешниҳоднамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (банди дахлдори Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ) мебошад.

2. Мақолаҳои интишоршуда ба дараҷаи кофӣ муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос мекунанд.

3. Ба Ҳасанзода Хуршед Раҷаб дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда шавад, ки ба Ҳасанзода Хуршед Раҷаб дипломи доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисосро диҳад.

Нафароне, ки тарафдори ин қарори Шурои диссертатсионӣ ҳастанд, хоҳишмандам овоз диҳанд.

Тарафдор – Ҳама.
Муқобил - Нест.
Бетараф - Нест.

Бо як овоз қабул шуд.

Раиси ҷаласаи Шурои
диссертатсионии 6D.КОА-030-и
назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор Иматзода Л.М.

Котиби илмии Шурои
диссертатсионии 6D.КОА-030,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Котибова Ш.П.

05.06.2026

*Имзои Иматзода Л.М. ва Котибова Ш.П.-ро тасдиқ мекунам.*

Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории
Пажуҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Ҳакимова Х.С.